Эй Аллоҳ! Аз заволи неъмат ва дигаргун шудани офиятат, ки ба мо бахшидай ва аз хашму ғазаби ногаҳон ва тамоми хашму ғазабат, ба Ту паноҳ мебарам

Аз Абдуллоҳ ибни Умар (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки гуфт: Аз ҷумла дуоҳое, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мехонданд, ин дуо аст: "Эй Аллоҳ! Аз заволи неъмат ва дигаргун шудани офиятат, ки ба мо бахшидай ва аз хашму ғазаби ногаҳон ва тамоми хашму ғазабат, ба Ту паноҳ мебарам."
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз чаҳор чиз паноҳ хостааст: Якум: (Эй Худо, ман ба Ту аз заволи неъматат паноҳ меҷӯям) динӣ ва дунявӣ. Ва аз Ту мепурсам, ки маро дар Ислом устувор гардонӣ ва маро аз уфтодан ба гуноҳоне, ки неъматҳоро аз байн мебарад, дур нигоҳ дорӣ. Дуюм: (Ва тағйири офиятатро) ба беморӣ ва бало табдил ёфтан, ман аз Ту давомнокии офият ва сиҳатмандии доимӣ аз дардҳо ва бемориҳоро металабам. Сеюм: (Ва ногаҳон омадани ҷазои Ту) аз имтиҳон ё мусибат. Зеро агар имтиҳон ва мусибат ногаҳонӣ биёяд, фурсате барои тавба ва ҷуброн боқӣ наемонад ва ин мусибат бузургтар ва шадидтар хоҳад буд. Чаҳорум: (Ва ҳама навъҳои ғазаби Ту) ва сабабҳои барангезандаи ғазаби Ту, зеро ҳар касе, ки ба ғазаби Ту гирифтор шавад, зиёндида ва ноком шудааст. Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) лафзи ҷамъро истифода кардааст, то ҳама сабабҳои ғазаб ва норозигии Худовандро, аз суханҳо, амалҳо ва эътиқодот, дар бар гирад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/5488